# СОЗИШНОМА

байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Халкии Хитой оид ба канорагири аз андозбандии дукарата ва пешгири намудани саркаши аз супоридани андозхо аз даромад ва сармоя

Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Халкии Хитой,

бо хохиши густариш ва тахкими хамкорихои иктисоди байни харду Давлат ва бо максади бартараф кардани андозбандии дукарата ва пешгири намудани саркаши аз супоридани андозхо аз даромад хамин Созишномаро ба имзо расонида,

ба мувофикаи зайл расиданд:

## МОДДАИ 1
## Шахсоне, ки нисбат ба онхо хамин Созишнома истифода бурда мешавад

Хамин Созишнома нисбат ба шахсоне истифода бурда мешавад, ки резиденти як ё харду Давлати Ахдкунанда мебошанд.

## МОДДАИ 2
## Андозхое, ки нисбат ба онхо хамин Созишнома татбик мегардад

1. Созишномаи мазкур нисбат ба андозхо аз даромад ва сармоя, ки аз номи як Давлати Ахдкунанда ё макомоти махаллии хокимият меситонанд, сарфи назар аз шакли ситонидани онхо, татбик карда мешавад.

2. Андозхо аз даромад ва сармоя хамаи андозхое хисобида мешаванд, ки аз мачмӯи даромад ё аз кисми алохидаи даромад ё сармоя, аз чумла андоз аз даромад хангоми бегона кардани амволи манкул ё гайриманкул, андозхо аз маблаги умумии музди мехнат ё подоши пардохтаи корхонахо, инчунин аз даромад аз афзоиши сармоя ситонида мешаванд.

3. Ба андозхои амалкунандае, ки нисбати онхо Созишномаи мазкур татбик мегардад, аз чумла мансубанд:

a) дар Чумхурии Точикистон:

(i) андоз аз даромади шахсони вокеи (андози даромади шахсони вокеи);

(ii) андоз аз фоидаи шахсони хукуки;

(iii) андоз аз амволи гайриманкул;

(ки минбаъд "андозхои Точикистон" номида мешаванд);

b) дар Хитой:

(i) андоз аз даромади шахсони вокеи;

(ii) андоз аз даромади корхонахо бо инвестисияхои хоричи ва корхонахои хоричи;

(ки минбаъд "андозхои Хитой" номида мешаванд).

4. Созишномаи мазкур инчунин нисбат ба хама гуна андозхои ба ин монанд ва мохиятан шабех, ки баъди санаи ба имзо расидани Созишномаи мазкур бар иловаи андозхои мавчуда ё бар ивази онхо ситонида мешаванд, мавриди татбик карор мегирад.

Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда бояд якдигарро оид ба хама гуна тагйироти назаррас, ки ба конунгузорихои андози онхо ворид карда мешаванд, бохабар созанд.

## МОДДАИ 3
## Мукаррароти умуми

1. Барои максадхои Созишномаи мазкур ба чуз холатхое, ки агар аз матн маънои дигар барнаояд:

a) истилохи "Точикистон" маънои Чумхурии Точикистон ва хангоми истифода ба маънои чугрофи - каламрави он, обхои дохили ва фазои онро дорад, ки Чумхурии Точикистон метавонад дар он хукукхои мустакил ва юрисдиксия, аз чумла хукуки истифодаи каъри замин ва захирахои табииро мувофики меъёри хукукхои байналмилали ва он чое, ки конунгузории Чумхурии Точикистон амал мекунад, татбик намояд;

b) истилохи "Хитой" маънои Чумхурии Халкии Хитой, аз чумла худуди Чумхурии Халкии Хитой, инчунин хангоми истифода ба маънои чугрофи - худудхои оби, фазои хавои ва хама гуна минтакахои берун аз худуди бахрии Чумхурии Халкии Хитойро дорад, ки дар доираи он Чумхурии Халкии Хитой хукукхои мустакил ва юрисдиксияи истисноияшро нисбат ба захирахои табии каъри бахр, каъри замин ва об амали менамояд;

c) истилохи "шахс" маънои шахси вокеи, ширкат ва хама гуна дигар иттиходияи шахсонро дорад;

d) истилохи "ширкат" маънои хама гуна макоми корпоративи ё дигар иттиходияро дорад, ки барои максадхои андозбанди хамчун макоми корпоративи барраси мегардад;

e) истилохи "корхонаи Давлати Ахдкунанда" ва "корхонаи Давлати дигари Ахдкунанда" мутаносибан маънои корхонаеро дорад, ки резиденти як Давлати Ахдкунанда идора менамояд ва маънои корхонаеро дорад, ки резиденти Давлати дигари Ахдкунанда идора мекунад;

f) истилохи "хамлу накли байналмилали" маънои хама гуна боркашонихоро тавассути кишти ё тайёра, наклиёти рохи охан ё автомобили дорад, ки корхонаи як Давлати Ахдкунанда истифода мебарад, ба истисноии холатхое, ки кишти ё тайёра, наклиёти рохи охан ё автомобили ба таври истисноии танхо байни нуктахо дар каламрави Давлати дигари Ахдкунанда истифода мегардад;

g) истилохи "макомоти салохиятдор" ин:

(i) дар Точикистон - маънои Вазорати молия ё намояндаи ваколатдори онро дорад;

(ii) дар Хитой - маънои Маъмурияти давлатии андоз ё намояндаи ваколатдори онро дорад;

h) истилохи "шахси милли" дорои маънои зайл аст:

(i) хама гуна шахси вокеие, ки дорои шахрвандии Давлати Ахдкунанда мебошад;

(ii) хама гуна шахси хукуки, шарики ё ассотсиятсия, ки мувофики конунгузории чории Давлати Ахдкунанда дорои ин маком гардидааст.

2. Хангоми истифодаи хамин Созишнома аз чониби Давлати Ахдкунанда хар истилохе, ки дар он муайян нашудааст, агар аз матн мазмуни дигар барнаояд, бояд дорои хамон мазмуне бошад, ки айни замон конунгузории хамин Давлат оид ба андозхо муайян намудааст ва хамин Созишнома нисбат ба онхо татбик мешавад ва хама гуна мохияти он вобаста ба татбики конунгузории андози хамин Давлат нисбат ба мохияти хамин истилох дар дигар сохахои конунгузории хамин Давлат бартари дорад.

## МОДДАИ 4
## Резидент

1. Барои максадхои Созишномаи мазкур истилохи "резиденти Давлати Ахдкунанда" маънои хар шахсеро дорад, ки мувофики конунгузории хамин Давлати Ахдкунанда дар он Давлат дар асоси махали доимии истикомат, махали доимии буду бош, махали бакайдгири, махали идоракунии самарабахш ё хама гуна омилхои дорои хусусияти шабех андозбанди мегардад, инчунин хамин Давлат ё хама гуна макомоти махалли хокимияти онро дар бар мегирад. Вале ин истилох хар шахсеро, ки бояд дар ин Давлат танхо аз даромад ё сармоя аз манбаи дар ин Давлат доштааш андозбанди гардад, дар бар намегирад.

2. Агар мувофики мукаррароти банди 1 хамин модда шахси вокеи резиденти харду Давлати Ахдкунанда бошад, макоми он бояд ба тарики зайл муайян карда шавад:

a) шахс махз резиденти хамон Давлати Ахдкунанда хисобида мешавад, ки дар он манзили истикоматии доими дорад; агар вай дар хар ду Давлати Ахдкунанда манзили истикоматии доими дошта бошад, пас вай резиденти хамон Давлате диниста мешавад, ки дар он чо робитахои нисбатан зичи шахси ва иктисоди (маркази манфиатхои хаётан мухим) дорад;

b) агар Давлатеро, ки шахс дар он маркази манфиатхои хаётан мухим дорад, муайян кардан гайриимкон бошад ё агар вай дар хеч яке аз ин Давлатхо манзили истикоматии доими надошта бошад, вай резиденти хамон Давлате хисобида мешавад, ки маъмулан дар он истикомат мекунад;

c) агар шахс маъмулан дар харду Давлат истикомат кунад ё дар хеч яке аз ин Давлатхо истикомат накунад, он гох вай резиденти хамон Давлате хисобида мешавад, ки шахси миллии он мебошад;

d) агар вай шахси миллии хар ду Давлат бошад ё шахси миллии хеч яке аз онхо набошад, онгох макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда масъаларо бо розигии хамдигар хал мекунанд.

3. Агар тибки мукаррароти банди 1 хамин модда шахсе, ки шахси вокеи набуда, резиденти харду Давлати Ахдкунанда мебошад, пас вай резиденти хамон Давлате хисобида мешавад, ки дар он макоми вокеии рохбарикунанадаи ӯ карор дорад.

## МОДДАИ 5
## Муассисаи доими

1. Барои максадхои Созишномаи мазкур истилохи "муассисаи доими" маънои махали доимии фаъолиятро дорад, ки тавассути он фаъолияти сохибкории корхона пурра ё кисман ба амал бароварда мешавад.

2. Истилохи "муассисаи доими" асосан инхоро дар бар мегирад:

a) махали идоракуни;

b) шӯъба;

c) идора (офис);

d) фабрика;

e) устохона; ва

f) кон, чохи нафт ё газ, кон ё махали дигари истихрочи захирахои табии.

3. Истилохи "муассисаи доими" хамчунин инхоро дар бар мегирад:

a) майдончаи сохтмон, объектхои васл, чамъсози ё фаъолияти вобаста ба назорати ичрои ин корхо, аммо танхо дар холатхое, ки агар давомнокии корхо вобаста ба чунин майдонча, объект ё чунин фаъолият ба муддати бештар аз 12 мох идома ёбанд;

b) хизматрасони, аз чумла хизматрасонихои машварати ва идоракуни аз чониби корхонаи Давлати Ахдкунанда ё тавассути хизматчиён ё дигар персонал, ки корхона барои хамин максадхо кироя гирифтааст, аммо танхо

дар холате, ки агар фаъолияти дорои чунин хусусият (барои хамин лоиха ё вобаста ба он) дар худуди дигар Давлати Ахдкунанда дар як ё якчанд давра, дар мачмӯ дар хама гуна давраи 12-моха беш аз 183 рӯз идома ёбад.

4. Сарфи назар аз мукаррароти пешинаи хамин модда истилохи "муассисаи доими" инхоро дар бар намегирад:

a) истифодаи иншоот ва тачхизот танхо ба максади нигахдори, намоиш ё интиколи мол ё маснуоти ба ин корхона тааллукдошта;

b) нигах доштани захираи мол ва маснуоти ба ин корхонахо тааллукдошта танхо ба максади нигох доштан, намоиш додан ё интиколи молхо;

c) нигах доштани захирахои мол ё маснуоти ба ин корхона тааллукдошта танхо бо максади коркарди онхо аз тарафи дигар корхона;

d) нигах доштани махали доимии фаъолият танхо ба максади хариди мол ё маснуот ё барои чамъоварии иттилоот барои корхона;

e) нигах доштани махали доимии фаъолият танхо ба максади амали сохтани хама гуна дигар намуди фаъолияти дорои хусусияти омодаги ё ёрирасон ба манфиати хамин корхона;

f) нигах доштани махали фаъолияти доими танхо бо максади амали сохтани бандубасти фаъолиятхои гуногуни дар зербандхои аз a) то e) хамин банд зикршуда, ба шарте, ки мачмӯи фаъолияти ин махали фаъолияти доими, ки дар натичаи чунин бандубаст ба вучуд омадааст, чанбаи омодаги ё хислати ёрирасон дошта бошад.

5. Сарфи назар аз мукаррароти бандхои 1 ва 2, агар шахси дигари аз агенти дорои хукуки мустакил фарккунанда, ки нисбати вай дар банди 6 хамин модда сухан меравад, дар Давлати Ахдкунанда аз номи корхонаи дигар Давлати Ахдкунанда амал кунад ё маъмулан дар Давлати Ахдкунанда дорои ваколати хукуки бастани карордодхо аз номи хамин корхона бошад ё аз он истифода намояд, пас чунин корхона хамчун корхонаи дорои муассисаи доими дар хамин Давлат нисбати хама гуна фаъолият дониста мешавад, ки ин шахс барои корхона анчом медихад, агар фаъолияти чунин шахс бо фаъолияти дар банди 4 хамин модда зикргардида махдуд шавад ва харчанд ин фаъолият тавассути махали фаъолияти доими амали гардад хам, мувофики мукаррароти хамин банд махали фаъолияти доимиро ба муассисаи доими табдил намесозад.

6. Корхонаи Давлати Ахдкунанда дар Давлати дигари Ахдкунанда танхо ба он хотир хамчун корхонаи дорои муассисаи доими баррасиі намегардад, ки он фаъолияти сохибкориро дар хамин Давлат тавассути брокер, агенти комиссиони ё хама гуна агенти дигари дорои макоми мустакил анчом медихад, ба шарте, ки агар чунин шахсон дар доираи фаъолияти маъмулии худ амал кунанд.

7. Далели он, ки ширкате, ки резиденти Давлати Ахдкунанда буда, ширкати резиденти Давлати дигари Ахдкунандаро зери назорат мегирад ё зери назорати ширкате мебошад, ки резиденти дигар Давлати Ахдкунанда аст ё фаъолияти сохибкориро дар хамин Давлати дигар (тавассути муассисаи доими ё ба тарики дигар) амали месозад, худ аз худ яке аз ин ширкатхоро мустакилона ба муассисаи доимии ширкати дигар табдил намедихад.

## МОДДАИ 6
## Даромад аз амволи гайриманкул

1. Даромади бадастовардаи резиденти Давлатхои Ахдкунанда аз амволи гайриманкул, ки дар Давлати дигари Ахдкунанда карор дорад (аз

чумла даромад аз корхонаи кишоварзи ё хочагии чангал), метавонад дар хамин Давлати дигар андозбанди карда шавад.

2. Истилохи "амволи гайриманкул" хамон маъноеро дорад, ки он дар конунгузории Давлатхои Ахдкунанда, ки амволи мавриди барраси дар каламрави он чойгир аст, дорои чунин маъно мебошад. Ин истилох дар хама холат амволи нисбат ба амволи гайриманкул ёрирасон, хайвонот ва тачхизоти дар хочагии кишоварзи ва чангал истифодашаванда, хукук, ки нисбат ба он мукаррароти умуми нисбат ба моликияти замин истифода мегардад, узуфрукти (хукуки истифода ва гирифтани даромадхо аз моликияти бегона, бе расонидани зарар ба моликият) амволи гайриманкул ва хукук ба пардохтхои тагйирёбанда ва танзимшаванда ба сифати чуброн барои коркард ё хукуки коркарди захирахои табиии, манбаъхо ва канданихои дигари табииро дар бар мегирад. Киштихои хавои, наклиёти рохи охан ва автомобили ба сифати амволи гайриманкул барраси карда намешаванд.

3. Мукаррароти банди 1 моддаи мазкур инчунин нисбат ба даромад аз истифодаи мустакими амволи гайриманкул, ба ичора додан ё истифодаи амволи гайриманкул дар ин ё он шакли дигар татбик карда мешавад.

4. Мукаррароти бандхои 1 ва 3 инчунин нисбат ба даромад аз амволи гайриманкули корхона ва нисбат ба даромад аз амволи гайриманкул, ки барои хизматрасонии мустакими шахси истифода гардидааст, татбик карда мешавад.

## МОДДАИ 7
## Фоида аз фаъолияти сохибкори

1. Фоидаи корхонаи Давлати Ахдкунанда танхо дар хамин Давлат андозбанди мешавад, ба гайр аз он, ки чунин корхона чи тарз дар Давлати дигари Ахдкунанда аз тарики муассисаи доимии дар он чо карордошта фаъолияташро амали месозад. Агар корхона фаъолияташро бо усули дар боло зикргардида анчом дихад, даромади корхона метавонад дар Давлати дигар андозбанди шавад, вале танхо дар кисме, ки ба чунин муассисаи доими тааллук дорад.

2. Бо дарназардошти мукаррароти банди 3 хамин модда, ки мутобики он корхонаи Давлати Ахдкунанда фаъолияти сохибкориро дар Давлати дигари Ахдкунанда тавассути муассисаи доимии дар он чо карордошта амали месозад, пас дар хар кадом Давлати Ахдкунанда ба чунин муассисаи доими фоида мансуб мегардад, ки он, агар корхонаи чудогона ё мустакил буда, ба чунин фаъолият машгул ва дар чунин шароит ё шароити шабех ва комилан мустакилона анчом медод, метавонист ба даст оварад.

3. Хангоми муайян кардани даромади муассисаи доими аз хисоб баровардани харочоте, ки бо максади фаъолияти ин муассисаи доими равона шудааст, аз чумла харочоти идорави ва умумии маъмури, сарфи назар аз харочоти он дар Давлати Ахдкунандае, ки он чо муассисаи доими карор дорад ё берун аз он сурат гирифтааст, ичозат дода мешавад.

4. Агар дар Давлати Ахдкунанда муайян намудани фоидае, ки ба муассисаи доими дар асоси таксимоти мутаносиби маблаги умумии фоидаи корхона ба кисмхои мухталифи он мансуб дониста мешавад, амалияи маъмули бошад, пас хеч холати дар банди 2 зикргардида барои Давлати Ахдкунанда чихати муайян намудани фоидаи андозбандишаванда тавассути чунин таксимоти мутаносиб монеа намебошад; усули истифодашавандаи таксимот бояд натичахое фарохам орад, ки ба принсипхои пешбининамудаи хамин модда мувофик аст.

5. Ба муассисаи доими танхо вобаста ба хариди мол ё маснуот барои

корхона, ки хамин муассисаи доими анчом додааст, хеч гуна фоида гузаронида намешавад.

6. Барои максадхои бандхои пешина фоидаи ба муассисаи доими таааллукдошта хар сол бо хамон як усул мукаррар карда мешавад, агар барои тагйир додани ин тартиб ягон асоси кофи ва эътимоднок вучуд надошта бошад.

7. Агар фоида навъхои даромади дар моддахои дигари ин Созишнома ба таври чудогона баррасишавандаро дар бар гирад, пас мукаррароти моддаи мазкур ба мукаррароти он моддахо дахолат намекунад.

## МОДДАИ 8
## Хамлу накли байналмилали

1. Фоидаи бадастовардаи корхонаи Давлати Ахдкунанда аз истифодаи воситахои наклиёти хавои, рохи охан ё автомобили дар хамлу накли байналмилали танхо дар хамин Давлати Ахдкунанда андозбанди мешавад.

2. Мукаррароти банди 1 инчунин нисбат ба даромад, ки вобаста ба иштирок дар пул (хазинаи умуми), корхонаи муштарак ё ташкилоти байналмилали гирифта шудааст, мавриди истифода карор мегирад.

3. Барои максадхои хамин модда даромад аз истифодаи наклиёти бахри ва хавои, рохи охан ва автомобили дар хамлу накли байналмилали, инхоро дар бар мегирад:

a) даромад хангоми ба ичора додани воситахои наклиёти бахри хавои, рохи охан ва автомобили бидуни сарнишинон; ва

b) даромад аз истифода ё ба ичора додани контейнерхо (аз чумла притсепхо ва тачхизоти вобаста ба он барои интиколи контейнерхо), ки дар хамлу накли молу бор истифода бурда мешавад.

## МОДДАИ 9
## Корхонахои муттахидкардашуда

1. Дар холатхое, ки агар:

a) корхонаи Давлати Ахдкунанда ба таври мустаким ё гайримустаким дар идоракуни, назорат ё сармояи корхонаи Давлати дигари Ахдкунанда ширкат намояд; ё

b) хамин як шахсон ба таври мустаким ё гайримустаким дар идоракуни, назорат ё сармояи корхонаи як Давлатхои Ахдкунанда, инчунин корхонаи Давлати дигари Ахдкунанда иштирок намоянд,

ва дар хар кадом холат байни ду корхона дар муносибатхои тичорати ва молияви онхо шароитхо мухайё ё шартхое мукаррар карда мешаванд, ки метавонист аз муносибатхои байни ду корхонаи мустакил чойдошта фарк кунад ва дар ин сурат хама гуна фоидае, ки метавонист ба яке аз ин корхонахо хисоб карда шавад, вале бо дарназардошти чунин шарт хисоб нашудааст, метавонад ба фоидаи корхонаи мазкур дохил карда шуда, мутаносибан мавриди андозбанди карор гирад.

2. Дар холате, ки агар як Давлати Ахдкунанда ба фоидаи корхонаи хамин Давлат фоидаеро дохил карда, мутаносибан андозбанди мекунад ва фоидае, ки нисбати он корхонаи Давлати Ахдкунандаи дигар барои он дар хамин Давлати дигар андозбанди шудааст ва фоидаи бо чунин тарз дохилкардашуда фоидае мебошад, ки метавонист ба корхонаи Давлати аввал зикршуда хисоб карда шавад, чуноне, ки агар муносибати байни ду корхона тавре бошад, ки байни ду корхонаи мустакил мавчуданд, дар ин холат ин Давлати Ахдкунандаи дигар ба маблаги андози аз ин фоида гирифташаванда тасхехоти зарури ворид мекунад. Хангоми муайян кардани

чунин тасхехот ба таври дахлдор дигар мукаррароти ин Созишнома ба инобат гирифта шуда, макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда дар холатхои зарури метавонанд бо хамдигар машварат гузаронанд.

## МОДДАИ 10
## Дивидендхо

1. Дивидендхои ширкате, ки резиденти яке аз Давлати Ахдкунанда буда, ба резиденти Давлати дигари Ахдкунанда мепардозад, мумкин аст дар хамин дигар Давлат андозбанди шавад.

2. Вале чунин дивидендхо мумкин аст инчунин дар он Давлати Ахдкунанда андозбанди шавад, ки резиденти он ширкате мебошад, ки дивидендхоро мувофики конунгузории хамин Давлат мепардозад, вале агар гиранда сохиби вокеии дивидентхо бошад, пас андози бо чунин тартиб ситонидашуда наметавонад аз ин зиёд бошад:

a) аз 5% маблаги умумии дивидендхо, агар сохиби вокеи ширкате (аз рафокат фарккунанда) бошад, ки мустакиман хеч набошад 25% сармояи ширкатеро сохиби менамояд, ки дивидендхоро мепардозад;

b) аз 10% маблаги умумии дивидендхо дар хамаи дигар холатхо.

Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда бо мувофикаи хамдигар усули истифодаи чунин махдудиятхоро мукаррар менамоянд.

Ин банд ба андозбандии ширкат нисбат ба фоидае, ки аз он дивиденд пардохта мешавад, дахл надорад.

3. Истилохи "дивидендхо" хангоми истифода дар хамин модда маънои даромад аз сахмияхо ё дигар хукукхоеро дорад, ки ўхдадории карзи нестанд ва барои иштирок дар фоида хукук медиханд, инчунин даромад аз дигар хукукхо мебошад, ки он бояд ба мисли даромад аз сахмияхо тибки конунгузории Давлате, ки резиденти вай ширкате мебошад, ки фоидаро таксим менамояд, тахти чунин танзими андози карор гирад.

4. Мукаррароти бандхои 1 ва 2 дар холатхое истифода намешавад, ки агар сохиби вокеии дивидендхо, ки резиденти Давлати Ахдкунанда буда, фаъолияти сохибкориро дар Давлати дигари Ахдкунанда анчом медихад ва резиденти он ширкате мебошад, ки дивидендро тавассути муассисаи доимии дар он чо карордошта мепардозад ё дар хамин Давлати Ахдкунандаи тавассути муассисаи доими ва холдинги дар он карордошта хизматрасонихои мустакили шахсиро анчом ва нисбати онхо дивиденд пардохта мешавад, вокеан хам ба хамин муассисаи доими ё пойгохи доими алокаманд мебошад. Дар чунин холат мукаррароти моддаи 7 ё моддаи 14 вобаста ба вазъ мавриди истифода карор дода мешавад.

5. Дар холате, ки агар ширкат, ки резиденти Давлатхои Ахдкунанда буда, аз Давлати дигари Ахдкунанда фоида ё даромад ба даст меоварад, пас ин Давлати дигари Ахдкунанда наметавонад аз дивидендхои пардохтаи ин ширкат андоз ситонад, ба истиснои холатхое, ки агар чунин дивидендхо ба резиденти ин Давлати дигари Ахдкунанда пардохта мешаванд ё агар холдинг, ки нисбат ба онхо дивиденд пардохта мешавад, вокеан хам ба муассисаи доими ё пойгохи доимии дар хамин Давлати дигари Ахдкунанда карордошта мансуб бошанд, инчунин аз даромади таксимнашудаи ширкат андоз аз даромади таксимнашуда ситонида намешавад, хатто агар дивидендхо пардохта шуда бошанд ё фоидаи таксимнашуда пурра ё кисман аз даромад ё фоидае иборат бошад, ки дар хамин Давлати Ахдкунанда ба вучуд омадааст.

## МОДДАИ 11
## Фоизхо

1. Фоизхое, ки дар яке аз Давлатхои Ахдкунанда ба амал омада, ба резиденти Давлати дигари Ахдкунанда пардохта мешаванд, метавонанд дар хамин Давлати дигари Ахдкунанда андозбанди карда шаванд.

2. Аммо чунин фоизхо метавонанд инчунин дар Давлати Ахдкунандае, ки дар он чо ба вучуд омадаанд, мувофики конунгузории хамин Давлат андозбанди карда шаванд, вале агар сохиби вокеии фоизхо резиденти Давлати Адкунандаи дигар бошад, пас андози бо чунин тартиб ситондашаванда набояд аз маблаги умумии фоизхо 8 фоиз зиёд бошад. Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда бо мувофикаи хамдигар усули истифодаи чунин махдудиятхоро мукаррар менамоянд.

3. Сарфи назар аз мукарароти банди 2 хамин модда фоизхое, ки дар Давлати Ахдкунанда ба вучуд меоянд, бояд аз андозбанди дар хамин Давлат озод карда шаванд, агар онхо гирифта шудаанд ва вокеан ба Хукумати дигар Давлати Ахдкунанда, макомоти махалли хокимият ё Бонки маркази ё хама гуна муассисаи молиявии хамин Хукумат марбут бошанд ё агар ўхдадории карзии резиденти дигар Давлати Ахдкунанда аз чониби Хукумати Давлати Ахдкунандаи дигар, макомоти махалли хокимият ё Бонки маркази ё хамаи гуна муассисаи молиявии марбути Хукумати дигар Давлати Ахдкунанда маблаггузори, таъмин ё кафолат дода шуда бошад.

4. Истилохи "фоизхо" хангоми истифода дар хамин модда дорои маънои даромад аз хама гуна ўхдадорихои карзи мебошад, сарфи назар аз таъмини ипотеки ва сохибии хукук барои иштирок дар фоидаи карздор, аз чумла даромад аз когазхои киматноки хукумати ва вомбаргхо ё ўхдадорихои карзи, аз чумла мукофот ва бурдхои ин когазхои киматнок, вомбаргхо ё ўхдадорихои карзи. Барои максадхои хамин модда чаримахо барои сари вакт анчом надодани пардохтхо ба сифати фоиз барраси карда намешаванд.

5. Мукаррароти бандхои 1 ва 2 хамин модда дар холатхое истифода бурда намешавад, ки агар сохиби вокеии фоизхо резиденти яке аз Давлатхои Ахдкунанда буда, фаъолияти сохибкориро дар Давлати дигари Ахдкунанда анчом дихад ва фоизхо тавассути муассисаи доимии дар он чо карордошта ба вучуд омадаанд ё дар ин Давлати дигари Ахдкунанда хизматрасонии мустакими шахсиро тавассути пойгохи доимии он чо буда анчом медихад ва ўхдадорихои карзи, ки дар асоси онхо фоизхо пардохта мешаванд, вокеан хам ба чунин муассисаи доими ё пойгохи доими тааллук дошта бошанд. Дар чунин холат мукаррароти моддахои 7 ё 14 хамин Созишнома вобаста ба вазъ мавриди истифода карор мегирад.

6. Чунин хисобида мешавад, ки фоизхо дар Давлати Ахдкунанда хамон вакт ташаккул меёбанд, ки агар пардохткунанда резиденти хамин Давлат бошад. Вале, агар шахси пардозандаи фоизхо, сарфи назар аз он ки вай резиденти Давлати Ахдкунанда мебошад ё не, дар Давлати Ахдкунанда муассисаи доими ё пойгохи доими дошта бошад ва дар робита бо он карз пайдо шуда, аз он фоиз пардохта мешавад ва харочоти пардохти чунин фоизхоро чунин муассисаи доими ё пойгохи доими ба зимма дорад, пас чунин шуморида мешавад, ки фоизхо дар хамон Давлате ташаккул меёбанд, ки он чо муассисаи доими ва пойгохи доими карор дорад.

7. Агар бо сабаби мавчуд будани муносибатхои махсус миёни пардохткунанда ва сохиби вокеии фоизхо ё байни хардуи онхо ва шахси дигари сеюм маблаги умумии фоизхои ба ўхдадорихои карзи тааллукдошта, ки дар асоси онхо пардохта мешаванд, аз маблаге, ки бояд миёни пардохткунанда ва сохиби вокеии фоизхо хангоми мавчуд набудани ин муносибатхо метавонист мувофика карда шавад, зиёд бошад, пас мукаррароти хамин модда танхо нисбат ба маблаги дар охир зикршуда

истифода мегардад. Дар чунин холат кисми зиёдатии пардохт мутобики конунгузории хар кадом Давлати Ахдкунанда, бо назардошти дигар мукаррароти ин Созишнома, мавриди андозбанди карор мегирад.

## МОДДАИ 12
## Роялти

1. Роялтии дар яке аз Давлатхои Ахдкунанда ташаккулёфта ва ба сохиби вокеи пардохтшаванда, ки резиденти Давлати Ахдкунандаи дигар мебошад, метавонад дар хамин Давлати дигари Ахдкунанда мавриди андозбанди карор гирад.

2. Аммо, чунин роялти метавонанд дар Давлати Ахдкунанда, ки онхо ташаккул меёбанд ва тибки конунгузорихои хамин Давлат андозбанди карда шавад, вале агар гиранда ва сохиби вокеии роялти резиденти Давлати Ахдкунандаи дигар бошанд, пас андози бо чунин усул ситонидашаванда набояд аз 8% маблаги умумии роялти зиёд бошад. Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда бо мувофикаи хамдигар усули истифодаи чунин махдудиятхоро мукаррар менамоянд.

3.Истилохи "роялти" дар ин модда маънои хама намуди пардохтеро дорад, ки ба сифати подош барои истифода ё фарохам овардани хукуки истифодаи хукуки муаллифи барои хама гуна асари бадеи, санъат ё илм, аз чумла кинофилмхо, хама гуна патентхо, аломати тичорати, дизайн ё моделхо, накшахо, формулахои махфи ё протсессхо ё барои иттилооти вобаста ба тачрибаи саноати, тичорати ё илми гирифта шудааст.

4.Мукаррароти бандхои 1 ва 2 мавриди истифода карор намегирад, агар сохиби вокеии роялти хамчун резиденти як Давлатхои Ахдкунанда фаъолияти сохибкориашро дар Давлати дигари Ахдкунанда анчом дихад, ки он чо роялти тавассути муассисаи доими дар он чо карордошта ташаккул меёбад ё дар хамин Давлат аз тарики пойгохи доимии дар он чо карордошта хизматхои мустакими шахси мерасонад, хукук ё амволе, ки нисбати онхо роялти супорида мешавад, вокеан ба чунин муассисаи доими ё пойгохи доими алокаманд мебошад. Дар чунин холат мукаррароти моддахои 7 ё 14 вобаста ба вазъ мавриди истифода карор мегирад.

5. Чунин ба хисоб меравад, ки роялти дар Давлати Ахдкунанда ба миён меояд, агар пардохткунанда резиденти хамин Давлат бошад. Вале, агар шахси пардохткунандаи роялти новобаста аз он, ки резиденти Давлати Ахдкунанда мебошад ё на, дар Давлати Ахдкунанда муассисаи доими ё пойгохи доими дошта, вобаста ба он масъалаи пардохти роялти ба миён омадааст ва роялтиро хамин муассисаи доими ё пойгохи доими мепардозад, он гох чунин хисобида мешавад, ки роялти дар хамон Давлате ба вучуд меояд, ки дар он муассисаи доими ё пойгохи доими вучуд дорад.

6. Агар бо сабаби мавчуд будани муносибатхои махсус миёни пардохткунанда ва сохиби вокеии роялти ё байни хардуи онхо ва шахси дигари сеюм маблаги роялтии пардохташуда ё хисобшудаи марбут ба истифода, хукук ё иттилоот, ки вобаста ба онхо роялти пардохта мешавад, аз микдори маблаге, ки метавонист байни пардохткунанда ва сохиби вокеи хангоми мавчуд набудани ин муносибатхо мувофика карда шавад, зиёд бошад, пас мукаррароти хамин модда танхо нисбат ба маблаги дар охир зикршуда истифода бурда мешавад. Дар чунин холат кисми зиёдатии пардохт мутобики конунгузории хар кадом Давлати Ахдкунанда, бо назардошти дигар мукаррароти ин Созишнома, мавриди андозбанди карор мегирад.

## МОДДАИ 13

Даромад аз бегона кардани амвол

1. Даромаде, ки резиденти Давлати Ахдкунанда аз бегона кардани амволи гайриманкули дар моддаи 6 зикргардида гирифтааст ва дар Давлати Ахдкунандаи дигар карор дорад, метавонад дар хамин Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди карда шавад.

2. Даромад аз бегона кардани амволи манкул, ки кисми амволи тичоратии муассисаи доимиро ташкил медихад ва корхонаи як Давлати Ахдкунанда дар Давлати Ахдкунандаи дигар дорад ё амволи манкули ба муассисаи доими тааллукдоштаи дар ихтиёри резиденти як Давлати Ахдкунанда буда, ки дар Давлати Ахдкунандаи дигар барои максадхои хизматрасонидхои мустакими шахси карор дорад, аз чумла даромадхо аз бегона кардани хамин гуна муассисаи доими (дар алохидаги ё якчоя бо корхона) ё хамин гуна пойгохи доими метавонад дар хамин Давлати дигар андозбанди карда шававд.

3. Даромад аз бегона кардани наклиёти бахри, хавои, автомобили ё рохи охан, ки дар хамлу накли байналмилали истифода мегардад ё амволи манкули марбут ба истифодаи воситахои наклиёти бахри, хавои, автомобили ё рохи охан танхо дар хамин Давлати Ахдкунанда андозбанди карда мешавад.

4. Даромаде, ки резиденти Давлати Ахдкунанда аз бегона кардани сахмияи ширкати сахоми гирифтааст ва 50% активхои он мустаким ё гайримустаким аз амволи гайриманкуле иборат мебошад, ки дар Давлати Ахдкунанда карор дорад, метавонад дар хамин Давлати Ахдкунанда андозбанди карда шавад.

5. Даромад аз хама гуна дигар амволи дар бандхои аз 1 то 4 номбарнашуда танхо дар он Давлати Ахдкунанда андозбанди мегардад, ки резиденти он шахсе мебошад, ки амволро бегона кардааast.

МОДДАИ 14
Хизматрасонихои мустакими шахси

1.Даромади бадастовардаи резиденти як Давлати Ахдкунанда барои хизматрасонии касби ё фаъолияти шабехи дорои хусусияти мустакил танхо дар хамин Давлат андозбанди карда мешавад, ба истиснои холате, ки агар чунин даромад метавонад дар Давлати Ахдкунандаи дигар низ дар холатхои зайл андозбанди гардад:

a) агар он барои амали кардани чунин фаъолият дар Давлати Ахдкунандаи дигар пойгохи доимии барояш дастрас дошта бошад; даромад метавонад дар Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди гардад, вале танхо дар кисме, ки ба хамин пойгохи доими тааллук дорад; ё

b) агар мўхлати буду боши он дар Давлати Ахдкунандаи дигар дар чараёни давра ё даврахо дар хама фосилаи 12-моха, ки дар хамин соли фиксали огоз ё анчом меёбад, дар мачмў аз 183 рўз зиёд бошад; дар ин сурат даромаде, ки аз чунин фаъолияти дар Давлати Ахдкунандаи дигар ичрошуда гирифтааст, метавонад дар хамин Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди карда шавад.

2. Истилохи "хизматрасонихои касби", аз чумла фаъолияти мустакилонаи илми, адаби, хунари, таълими ё омўзгори, инчунин фаъолияти мустакили табибон, хукукшиносон, мухандисон, меъморон, табибони дандон, мухосибон ва аудиторонро дар назар дорад.

МОДДАИ 15
Хизматрасонихои мутеонаи шахси

1. Бо дарназардошти мукаррароти моддахои 16, 18, 19, 20 ва 21 хамин модда музди мехнат, подош ва дигар пардохтхои шабех, ки резиденти як Давлати Ахдкунанда дар робита бо кироякори ба даст меорад, танхо дар хамин Давлат андозбанди мешавад, агар чунин кироякори дар Давлати Ахдкунандаи дигар анчом дода нашавад. Агар кироякори бо чунин усул амали гардад, подоши бо хамин рох гирифташуда танхо дар хамин Давлати дигар андозбанди мегардад.

2. Сарфи назар ба мукаррароти банди 1 подоше, ки резиденти Давлати Ахдкунанда дар робита бо ,кироякории, дар Давлати Ахдкунандаи дигар ичрошуда ба даст овардааст, танхо дар Давлати аввал зикршуда андозбанди мегардад, агар:

а) шахси подошгиранда хамчун кироякор дар Давлати дигари Ахдкунанда дар муддати як ё якчанд даврахо дар давоми хама гуна давраи 12-моха, ки дар мачмӯ на бештар аз 183 рӯз аст ва дар хамин соли баррасишавандаи фиксали огоз ё анчом мeёбад, кор кунад; ва

b) подош аз тарафи кироягир ё аз номи кироягир, ки резиденти Давлати дигар намебошад, пардохта шавад; ва

c) харочоти пардохти подошро муассисаи доими ё пойгохи доими, ки кироягир дар Давлати дигар дорад, ба зимма надорад.

3. Сарфи назар аз мукаррароти пешинаи хамин модда подошхо вобаста ба кироякори, ки дар сахни воситахои наклиёти бахри ё хавоии дар хамлу накли байналмилали истифодашаванда ба даст омадааст, метавонад дар Давлати Ахдкунанда андозбанди гардад.

МОДДАИ 16

Подоши директорон

Подоши директорон ва дигар пардохтхои шабех, ки резиденти як Давлати Ахдкунанда ба сифати узви шӯрои директорони ширкате мегирад, ки резиденти Давлати дигари Ахдкунанда мебошад, метавонад дар хамин Давлати дигар андозбанди гардад.

МОДДАИ 17

Хунармандон ва варзишгарон

1. Сарфи назар аз мукаррароти моддахои 7, 14 ва 15 даромаде, ки резиденти як Давлати Ахдкунанда, ки корманди санъат буда, ба сифати хунарманди театр, кино, радио ва телевизион ё мусиканавоз ё варзишгар вобаста ба фаъолияти шахсии дар дигар Давлати Ахдкунанда ичронамудааш гирифтааст, метавонад дар хамин Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди шавад.

2. Агар даромад аз фаъолияти шахсии корманди санъат ё варзишгар на ба худи ӯ ба сифати корманди санъат ё варзишгар, балки ба шахси дигар хисоб карда шавад, пас ин даромад, сарфи назар аз мукаррароти моддахои 7, 14 ва 15 метавонад дар хамон Давлати Ахдкунандае андозбанди гардад, ки дар он чо корманди санъат ё варзишгар фаъолият менамояд.

3. Сарфи назар аз мукаррароти бандхои 1 ва 2 даромадхои бадастомада аз фаъолияти дар банди 1 нишондодашуда, дар доираи накшаи маъкулдонистаи байни Давлатхои Ахдкунанда бо мубодилаи фарханги, агар сафар ба хамин Давлат пурра ё кисман аз хисоби фондхои чамъияти ё давлатии хама гуна Давлати Ахдкунанда маблаггузори шуда бошад, аз андозбанди озод карда мешавад.

## МОДДАИ 18
## Нафакапули

1. Бо дарназардошти мукаррароти банди 2 моддаи 19 нафака ва подошхои дигари шабех, ки барои собикаи кироякори ба резиденти Давлати Ахдкунанда пардохта мешавад, танхо дар хамин Давлати Ахдкунанда андозбанди карда мешавад.

2. Сарфи назар аз мукаррароти банди 1 нафака ва пардохтхои дигари шабех, ки Хукумати Давлати Ахдкунанда, макомоти махалли хокимияти он мутобики накшаи чамъияти анчом медиханд ва кисми системаи хифзи ичтимоии ахоли мебошад, танхо дар хамин Давлати Ахдкунанда андозбанди карда мешавад.

## МОДДАИ 19
## Хизмати давлати

1. a) Музди мехнат, подош ва дигар пардохтхои шабех, ба гайр аз нафакапули, ки Хукумати Давлати Ахдкунанда ё макомоти махаллии хокимияти онхо ба шахсони вокеи барои хизматрасони ба хамин Давлат ё макомоти махаллии хокимияти онхо мепардозанд, танхо дар хамин Давлат андозбанди мегардад.

b) Вале, чунин подош, музди мехнат ва пардохтхои дигари шабех танхо дар Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди мешавад, агар ин хизматрасони дар хамин Давлат анчом дода шуда, шахси вокеи резиденти хамин Давлат бошад, ва он:

(i) шахси миллии хамин Давлат мебошад; ё

(ii) танхо бо максади чунин хизматрасони резиденти хамин Давлат нашудааст.

2. a) Хама гуна нафака ва дигар подоши шабех, ки аз фондхои таъсисдодаи Хукумати Давлати Ахдкунанда ё макомоти махаллии хокимияти он ба шахси вокеи барои хизматрасони ба хамин Хукумати Давлати Ахдкунанда ё макомоти махаллии хокимияти он пардохта мешавад, танхо дар хамин Давлат андозбанди мегардад.

b) Аммо чунин нафака ва дигар подош танхо дар Давлати дигари Ахдкунанда андозбанди мегардад, ки агар шахси вокеи резидент ва шахси миллии хамин Давлати дигар бошад.

3. Мукаррароти моддахои 15, 16, 17 ва 18 нисбат ба подошхо, музди мехнат ва пардохтхои дигари шабех ва нафака барои хизмат, ки вобаста ба фаъолияти сохибкори аз чониби Давлати Ахдкунанда ё макомоти махаллии хокимияти он анчом дода мешавад, татбик мегардад.

## МОДДАИ 20
## Омўзгорон, профессорон ва кормандони илми

1. Даромади гирифтаи шахсоне, ки бевосита пеш аз омадан ба Давлати Ахдкунанда резиденти Давлати Ахдкунандаи дигар буданд ё мебошанд ва дар Давлати Ахдкунандаи аввал зикргардида танхо бо максади омўзгори ё гузаронидани тадкикот дар донишкадахо, коллечхо, мактабхо ё донишгоххои таълими ё пажўхишгоххои илмию тадкикоти хузур доранд, дар Далати аввал зикргардида дар давоми на зиёда аз 3 сол аз санаи аввали омадан ба хамин Давлат аз пардохти андоз озод мебошанд.

2. Мукаррароти банди 1 моддаи мазкур набояд нисбат ба даромаде ки аз фаъолияти илми- тадкикоти гирифта шудааст, татбик карда шавад, агар

чунин фаъолияти илми- тадкикоти на ба манфиати давлати, балки барои фоидаи хусусии шахси муайян ё гурўхи шахсон истифода гардад.

## МОДДАИ 21
## Донишчўён

Пардохти барои донишчўён, аспирантхо ё тачрибаомўзоне, ки то омадан ба яке аз Давлати Ахдкунанда резиденти дигар Давлати Ахдкунанда буданд ё мебошанд ва дар Давлати аввал зикргардида танхо бо максади тахсил ё гирифтани маълумот омадаанд ва он барои максадхои зист, тахсил ё гирифтани маълумот таъин гардидааст, дар хамин Давлати дигар андозбанди намегардад, ба шарте, ки агар манбаи чунин пардохт дар дигар Давлати Ахдкунанда карор дошта бошад.

## МОДДАИ 22
## Даромадхои дигар

1. Намудхои даромади резиденти Давлати Ахдкунанда, сарфи назар аз манбаи пайдоиши онхо, ки дар моддахои каблии Созишномаи мазкур зикр нагардидаанд, танхо дар хамин Давлат андозбанди мешаванд.

2. Мукаррароти банди 1 хамин модда нисбат ба даромадхо, ба истисноии даромадхо аз амволи гайриманкули пешбининамудаи банди 2 моддаи 6 татбик намегардад, агар гирандаи чунин даромад резиденти яке аз Давлатхои Ахдкунанда буда, фаъолияти сохибкориро дар Давлати дигари Ахдкунанда тавассути муассисахои доимии дар он чо чойгиршуда ичро кунад ё дар хамин Давлати дигари Ахдкунанда хизматрасонии мустакими шахсиро тавассути пойгохи доимии дар он чо карордошта анчом дихад ва хукук ё моликият, ки дар робита ба онхо даромад гирифтааст, вокеан хам ба чунин муассисаи доими ё пойгохи доими алокаманд бошад. Дар чунин холат мукаррароти моддаи 7 ё 14 вобаста ба вазъ мавриди истифода карор мегирад.

## МОДДАИ 23
## Сармоя

1. Сармоя дар шакли амволи гайриманкули дар моддаи 6 зикргардида, ки ба резиденти Давлати Ахдкунанда марбут буда, дар дигар Давлати Ахдкунандаи карор дорад, метавонад дар хамин Давлати Ахдкунандаи дигар андозбанди карда шавад.

2. Сармоя дар шакли амволи манкул, ки кисми амволи истехсолотии муассисаи доимиро ташкил медихад ва корхонаи яке аз Давлати Ахдкунанда дар дигар Давлати Ахдкунанда дорад, метавонад дар хамин дигар Давлати Ахдкунанда андозбанди карда шавад.

3. Сармояи дар шакли наклиёти бахри, хавои, автомобили ва рохи охан фарохамовардашуда, ки корхонаи Давлати Ахдкунанда дар хамлу накли байналмилали истифода мебарад, инчунин дар шакли амволи манкул, ки ба фаъолияти чунин воситахои наклиёти бахри, хавои, автомобили ва рохи охан тааллук доранд, танхо дар хамон Давлати Ахдкунанда, андозбанди карда мешавад.

4. Хамаи дигар унсурхои сармояи резиденти Давлати Ахдкунанда танхо дар хамин Давлат андозбанди карда мешавад.

## МОДДАИ 24
## Усули пешгирии андозбандии дукарата

1. Дар Точикистон андозбандии дукарата аз байн бурда мешавад:

a) агар резиденти Точикистон даромаде ба даст орад ё сохиби сармояе бошад, ки мутобики мукаррароти хамин Созишнома метавонад дар Хитой мавриди андозбанди карор гирад, Точикистон ичозат медихад:

(i) аз андоз аз даромади хамин резидент маблаги баробар ба маблаги андози дар Хитой пардохтшуда аз хисоб бароварда шавад;

(ii) аз андоз аз сармояи хамин резидент маблаги барбар ба маблаги андоз аз сармояи дар Хитой пардохтшуда аз хисоб бароварда шавад.

Чунин азхисоббарори дар хама холат набояд аз кисми андоз аз даромад ё андози аз сармоя хисобшуда, ки то пешниходи азхисоббарори марбут ба даромад ё сармоя метавонад дар Хитой андозбанди гардад, зиёд бошад.

b) Агар мутобики хама гуна мукаррароти хамин Созишнома даромади гирифта ё сармояи резиденти Точикистон дар Точикистон аз андоз озод бошад, бо вучуди ин хангоми хисоби маблаги андоз ба кисми бокимондаи даромад ё сармояи хамин резидент Точикистон метавонад даромади аз андоз озодшударо ба инобат гирад.

2. Дар Хитой андозбандии дукарата аз байн бурда мешавад:

a) агар резиденти Хитой дар Точикистон даромад ба даст орад, маблаги андози аз ин даромад пардохташуда мутобики мукаррароти хамин Созишнома метавонад аз андози Хитой, ки аз чунин шахс ситонида мешавад, аз хисоб бароварда шавад.

Аммо чунин аз хисоббарори набояд аз маблаги андози Хитой, ки мутобики конунгузори ва мукаррароти Хитой хисоб шудааст, зиёд бошад.

b) агар даромади аз Точикистон гирифташуда дивиденди пардохтаи ширкате бошад, ки резиденти Точикистон дар ширкате мебошад, ки шахси дорои буду боши доими дар Хитой буда, сохиби на камтар аз 20% сахмияи ширкати пардохткунандаи дивиденд аст, бахисобгири андози дар Точикистон пардохтаи ширкати пардохткунандаи дивидендро нисбат ба фоидаи он ба инобат мегирад.

## МОДДАИ 25
## Махдуд накардани хукукхо

1. Шахсони миллии Давлати Ахдкунанда дар Давлати дигари Ахдкунанда нисбат ба андозсупорихо ё ўхдадорихои вобаста ба он, ки тибки хамин холат барои шахсони миллии Давлати дигари Ахдкунанда фарохам оварда шудааст, наметавонанд тахти хама гуна андозсупорихои вазнинтар ё ўхдадорихои вобаста ба он, аз чумла нисбат ба резиденсия карор гиранд. Ин мукаррарот, сарфи назар аз мукаррароти моддаи 1 хамин Созишнома, инчунин нисбат ба шахсоне татбик мегардад, ки резиденти як ё харду Давлати Ахдкунанда нестанд.

2. Андозбандии намояндагии доими, ки корхонаи яке аз Давлати Ахдкунанда дар Давлати дигари Ахдкунанда дорад, набояд дар Давлати дигар нисбати андозсупории корхонаи хамин Давлати дигар, ки ба чунин навъи фаъолият машгул аст, номусоидтар бошад. Мукаррароти мазкур набояд чунин маънидод карда шавад, ки он як Давлати Ахдкунандаро вазифадор месозад ба резиденти Давлати дигари Ахдкунанда ин ё он имтиёзи шахси, азхисоббарори ё тахфифи андозситониро дар асоси макоми шахрванди ё ўхдадории оилави, ки онхо ба резидентхои худ фарохам меоранд, фарохам орад.

3. Ба истиснои холатхое, ки мукаррароти банди 1 моддаи 9, банди 7 моддаи 11 ё банди 6 моддаи 12 хамин Созишнома татбик мегардад, фоизхо,

роялти ва намудхои дигари пардохтхо, ки корхонаи як Давлати Ахдкунанда нисбат ба резиденти Давлати дигари Ахдкунанда анчом медихад, бояд бо максади муайян кардани фоидаи андозбандишавандаи чунин корхонахо тибки хамон шартхое хисоб карда шавад, ки агар онхо ба резиденти Давлати Ахдкунандаи аввал зикршуда пардохта мешуданд. Ба таври шабех, хама гуна карзхои корхонаи як Давлати Ахдкунанда бояд бо максади муайян кардани сармояи андозбандишавандаи ин корхона чунон аз хисоб баровара шавад, ки он нисбат ба резиденти Давлати Ахдкунандаи аввал зикргардида сурат мегирад.

4. Корхонаи як Давлати Ахдкунанда, ки сармояи он пурра ё кисман ба як ё якчанд резидент марбутанд ё мустаким ё гайримустаким аз тарафи як ё якчанд резиденти Давлати дигари Ахдкунанда назорат карда мешаванд, набояд дар Давлати Ахдкунандаи аввал зикргардида тахти ин ё он андозсупорихо ё ўхдадорихои вобаста ба он, ки чунин корхонаи Давлати Ахдкунандаи аввал зикргардида метавонад бо он рў ба рў шавад, тахти хама гуна андозсупорихо вазнинтар ё ўхдадорихои вобаста ба он карор гиранд.

5. Сарфи назар аз мукаррароти моддаи 2 мукаррароти хамин модда нисбат ба хама гуна шакл ва намуди андоз мавриди истифода карор мегирад.

## МОДДАИ 26
## Расмиёти мувофикаи муштарак

1. Агар шахс чунин шуморад, ки амали як ё харду Давлати Ахдкунанда боиси он мегардад ё гардидааст, ки андозбандии он хилофи мукаррароти хамин Созишнома мебошад, ин шахс, сарфи назар аз воситахои химоявии пешбининамудаи Конунгузории миллии ин Давлатхо, метавонад парвандаи худро ба макомоти салохиятдори Давлати Ахдкунандае, ки вай резиденти он мебошад ё агар вазъи ў тахти амали банди 1 моддаи 25 Давлати Ахкунанд карор гирад, , ки вай шахси миллии он мебошад, ба макомоти салохиятдори хамон Давлати Ахдкунанда барои барраси ирсол дорад. Ариза бояд дар мўхлати 3 сол аз лахзаи гирифтани огохиномаи аввал дар хусуси амале, ки боиси андозбандии хилофи мукаррароти хамин Созишнома мегардад, пешниход карда шавад.

2. Макоми салохиятдор, агар эътирозро асоснок хисобад, кўшиш ба харч медихад ва агар худаш мустакилона карори каноатбахш кабул карда натавонанд, онро дар мувофика бо макоми салохиятдори Давлати дигари Ахдкунанда бо максади рох надодан ба андозсупории хилофи мукаррароти Созишномаи мазкур, хал кунад. Хама гуна мувофикаи бадастомада, сарфи назар аз хама гуна махдудияти муваккати, ки конунгузории миллии Давлатхои Ахдкунанда пешбини намудаанд, ичро карда мешавад.

3. Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда кўшиш ба харч медиханд, ки бо мувофикаи мутакобила хама гуна масъала ва шубхаи хангоми тафсир ё истифодаи мукаррароти Созишномаи мазкур бамиёномадаро хал намоянд. Инчунин онхо метавонанд бо максади бартараф намудани андозситонии дукарата вобаста ба холатхое, ки Созишномаи мазкур пешбини накардааст, бо хамдигар машварат намоянд.

4. Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда бо максади ба даст овардани мувофика ва дарки бандхои 2 ва 3 метавонанд робитаи мустаким баркарор намоянд. Хангоми зарурат барои хамдигарфахми макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда метавонанд боздид ба амал оваранд ва шифохи мубодилаи афкор намоянд.

## МОДДАИ 27
## Табодули иттилоот

1. Макомоти салохиятдори Давлатхои Ахдкунанда иттилооти вобаста ба андозро, ки барои татбики мукаррароти Созишномаи мазкур ё конунгузорихои миллии Давлати Ахдкунанда заруранд ва нисбат ба онхо мукаррароти хамин Созишнома татбик мегардад, ба хамон андозае мубодила хоханд кард, ки андозбандихо мутобики хамин конунгузори хилофи Созишномаи мазкур нестанд, аз чумла барои пешгирии саркаши аз пардохти андоз. Табодули иттилоот тибки мукаррароти моддахои 1 ва 2 хамин Созишнома махдуд карда намешавад.

2. Хама гуна иттилооте, ки Давлати Ахдкунанда мутобики банди 1 гирифтааст ва хамчун махфи муайян гардидааст, ба монанди иттилооте, ки дар доираи конунгузорихои дохилии хамин Давлати Ахдкунанда гирифта шудааст, метавонад танхо ба хамон шахсон ва макоми хокимият (аз чумла судхо ва макомоти маъмури) ошкор карда шавад, ки ба хисоб, чамъовари, ситонидани ичбори ё таъкиби суди ё баррасии суди ё баррасии сафедкуни вобаста ба андозхое, ки дар чумлаи якум зикр гардидааст, машгуланд.

Чунин шахсон ё макомоти хокимият ин иттилоотро метавонанд танхо барои хамин максадхои зикргардида истифода намоянд. Онхо ин иттилоотро метавонанд дар чараёни мурофиаи суди ё хангоми кабули карорхои суд ошкор намоянд.

3. Дар хеч холат мукаррароти банди 1 ва 2 хамин модда набояд хамчун ўхдадор намудани хама гуна Давлати Ахдкунанда ба тарики зерин тавзех дода шавад:

a) чорахои маъмурие андешад, ки хилофи конунгузори ё амалияи маъмурии хамин Давлати Ахдкунанда ё Давлати Ахдкунандаи дигар бошад;

b) иттилоотеро пешниход намояд, ки онро мувофики конунгузори ё дар чараёни амалияи маъмулии маъмурии хамин Давлат ё Давлати Ахдкунандаи дигар гирифтан мумкин нест;

c) иттилоотеро пешниход намояд, ки метавонад ин ё он сирри савдо, сохибкори, саноати, тичорати ва касби ё раванди тичоратиро фош намояд ё иттилоотеро дихад, ки ошкор сохтани он хилофи сиёсати давлат мебошад (order public).

4. Агар мутобики хамин модда аз чониби Давлати Ахдкунанда иттилоот талаб карда шавад, пас дигар Давлати Ахдкунанда бояд чихати чамъоварии иттилооти зарури тамоми тадбирхо андешад, сарфи назар аз он, ки ин Давлати Ахдкунандаи дигар барои максадхои андозбандии худи ба чунин иттилоот эхтиёч надорад. Ўхдадорихое, ки чумлаи боло зикр гардидаанд, ба махдудиятхои банди 3 вобаста мебошанд, вале чунин махдудиятхо набояд чунин тавзех дода шавад, ки аз чониби Давлати Ахдкунанда танхо барои он, ки худи он ба чунин иттилоот манфитдор намебошад, радгардида.

5. Дар хеч холат мукаррароти банди 3 наметавонад чунин тавзех дода шавад, ки он ба Давлати Ахдкунанда ичозат медихад танхо бо сабабхои он, ки дорандаи иттилоот бонк, дигар муассисаи молияви, дорандаи номинали ё шахси хамчун агент ё шахси бovаринок баромадкунанда мебошанд ё иттилоот ба хукуки моликияти шахс марбут аст, фарохам овардани иттилоотро рад намояд.

## МОДДАИ 28
## Кормандони намояндагихои дипломати
## ва хадамоти консулгари

Хеч кадом мукаррароти хамин Созишнома ба афзалиятхои андозии кормандони намояндагихои дипломати ва хадамоти консулгари, ки тибки меъёрхои умумии хукукхои байналмилали ё дар асоси созишномахои махсус фарохам оварда шудаанд, дахолат намекунад.

## МОДДАИ 29
## Эътибор пайдо кардан

1. Давлатхои Ахдкунанда хамдигарро тавассути роххои дипломати дар бораи ба анчом расонидани расмиёти дохилидавлатие, ки конунгузории милли барои максадхои эътибор пайдо кардани хамин Созишнома пешбини намудаанд, огох месозанд.

2. Созишномаи мазкур дар рӯзи сиюми гирифтани огохинома, ки дар банди 1 хамин модда зикр гардидааст, эътибор пайдо мекунад ва мукаррароти он дар харду Давлати Ахдкунанда истифода мешавад:

a) нисбат ба андозхое, ки аз манбаи даромад аз 1 январи соли таквими ё баъди 1 январи соли таквими, ки баъди санаи эътибор пайдо кардани хамин Созишнома фаро мерасад, нигох дошта мешавад;

b) нисбат ба дигар андозхо аз даромад ё сармоя дар хама гуна соли андозбанди, ки аз 1 январи соли таквими ё баъди 1 январи соли таквими, ки баъди санаи эътибор пайдо кардани хамин Созишнома фаро мерасад, нигох дошта мешавад.

## МОДДАИ 30
## Катъи фаъолият

Созишномаи мазкур то замоне эътибор дорад, ки агар яке аз Давлатхои Ахдкунанда амали онро катъ насозад. Хар кадом Давлати Ахдкунанда метавонад амали хамин Созишномаро бо усули тавассути роххои дипломати ирсол намудани огохинома дар бобати бекор кардани амали он дар муддати на дертар аз 30 июни хама гуна соли таквими, ки баъди гузашти 5 сол аз лахзаи эътибор пайдо кардани хамин Созишнома фаро мерасад, катъ намояд. Дар чунин холат мукаррароти хамин Созишнома дар харду Давлат катъ мегардад:

a) нисбат ба андозхо аз манбаи пардохт, ки аз 1 январи соли таквими ё баъди 1 январи соли таквимии пас аз соли гирифтани огохиномаи катъи амал фарорасанда ситонида мешаванд;

b) нисбат ба дигар андозхо аз даромад ва андоз ва сармоя, ки аз 1 январи соли таквими ё баъди январи соли таквимии баъди санаи ирсоли огохиномаи катъи амал фарорасанда хисоб карда шудааст.

Барои тасдики хамин намояндагони ваколатдори харду Давлати Ахдкунанда Созишномаи мазкурро ба имзо расониданд.

Созишнома дар шахри Душанбе "27" августи соли 2008 дар ду нусха, хар кадом бо забонхои точики, хитои ва англиси ба имзо расид, ки хамаи матнхо дорои эътибори баробаранд. Дар сурати ихтилофи назар хангоми тавзехи Созишнома ба матни англиси афзалият дода мешавад.

Аз чониби
Хукумати Чумхурии Точикистон

Аз чониби Хукумати Чумхурии Халкии Хитой

# ПРОТОКОЛ

Дар лахзаи имзои хамин Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Халкии Хитой оид ба канорагири аз андозбандии дукарата ва пешгири намудани саркаши аз супоридани андозхо аз даромад ва сармоя (минбаъд-Созишнома) харду Тараф дар оид ба шартхои зайл ба мувофика расиданд, ки кисми таркибии Созишнома мебошад.

Барои максадхои банди 3 моддаи 11, истилохи ,Бонки маркази ё хама гуна дигар муассисаи молияви, ки пурра марбути Хукумат мебошад,, чунин маъни дорад:

a) Дар Точикистон:

(i) Бонки Миллии Точикистон;

(ii) Бонки амонатгузории Чумхурии Точикистон (,Амонатбонк,); ва

(iii) хама гуна муассисае, ки пурра марбути Хукумати Чумхурии Точикистон мебошад, ки дар маврид метавонад муттасил байни макоми ваколатдори Давлатхои Ахдкунанда мувофика ба даст ояд.

b) дар Хитой:

(i) Бонки халкии Хитой;

(ii) Бонки Хитоии рушд;

(iii) Бонки Хитоии рушди кишоварзи;

(iv) Бонки содиротию воридотии Хитой;

(v) Корпоратсияи Хитоии Содирот ва Сугуртаи Кредитхо;

(vi) хама гуна муассисае, ки пурра марбути Хукумати Хитой мебошад, ки дар маврид метавонад муттасил байни макоми ваколатдори Давлатхои Ахдкунанда мувофика ба даст ояд.

Барои тасдики хамин намояндагони ваколатдори харду Давлати Ахдкунанда Протоколи мазкурро ба имзо расониданд.

Протокол дар шахри Душанбе "27" августи соли 2008 дар ду нусха, хар кадом бо забонхои точики, хитои ва англиси ба имзо расид, ки хамаи матнхо дорои эътибори баробаранд. Дар сурати ихтилофи назар хангоми тавзехи Протокол ба матни англиси афзалият дода мешавад.

Аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон

Аз чониби Хукумати Чумхурии Халкии Хитой